For every child
Health, Education, Equality, Protection
ADVANCE HUMANITY

unicef

# СОЗИШНОМАИ ҲУҚУҚИ КӮДАКОН

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 20 ноябри соли 1989 қабул кардааст

*Муқаддима*

*Давлатҳои ширкаткунандаи ин Созишнома,*

- ба манзури ин ки мувофиқи принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, эътирофи арзишу манзалати хоса, ҳуқуқи баробар ва дахлнопазири ҳамаи аъзои ҷомиа асоси таъмини озодӣ, адолат ва сулҳ дар рӯи замин аст;
- бо назардошти он ки халқҳои Милали Муттаҳид дар Оинномаи худ нисбат ба ҳуқуқи асосии инсон, нисбат ба манзалату шахсияти ӯ содиқанд ва бо тамоми қатъият ба пешрафти иҷтимоӣ ва беҳбуди шароити ҳаёт дар заминаи озодии бештаре мусоидат менамояд;
- бо эътирофи он ки Созмони Милали Мутаҳид дар Эъломияи ҷаҳонии ҳукуқи башар ва Қарордодҳои байналхалқии ҳуқуқи башар эълом доштааст ва бар он аст, ки ҳар инсон бояд аз тамоми ҳуқуқу озодиҳое, ки дар ин санадҳо сабт шудаанд, бархурдор бошад ва дар ин роҳ вобаста ба нишонаҳое чун нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин,ақидаҳои сиёсӣ ё ақидаҳои дигар, аслу насаби миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи дороӣ, ҷӣ гуна сурат гирифтани таваллуд ё шароити дигар бояд фарқ гузашта нашавад;
- бо хотирнишон сохтани он ки Созмони Милали Муттаҳид дар Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар таъкид доштааст, ки кӯдакон барои ғамхории махсус ва кӯмак ҳуқуқ доранд;
- бо эътиқоди он ки оила ҷузъи асосии ҷомеа ва табиат аст, баҳри рушду беҳзистии ҳамаи аъзояш, бахусус бачаҳо, бояд мусоидат намуд ва ҳимояи зарурӣ муҳаё кард, то ки оила тавонад иҷрои пурраи вазифаи худро дар назди ҷомеа ба зимма бигирад;
- бо эътирофи он ки кӯдак бояд дар иҳотаи оила, муҳити бахту соадат, меҳру муҳаббат ва ҳусни тафоҳум калон шавад, то ки рушди комил ва мутаносиби шахсияти ӯ имконпазирояд;
- бо дарки он ки кӯдак барои ҳаёти мустақилона дар ҷамъит бояд пурра тайёр шавад ва дар рӯҳияи ормонҳое, ки дар Оинномаи Созмони Милали Мутаҳид эълом шудаанд, бахусус дар рӯҳияи эҳтироми сулҳ, мақому манзалати инсон, таҳаммулпазирӣ, озодӣ, баробарӣ ва ҳамдилӣ тарбия ёбад;
- бо дарки н ки зарурати чунин ҳимояи махсуси кӯдак дар Эъломияи женевагии ҳуқуқи кӯдак, соли 1924, дар Эъломияи ҳуқуқи кӯдак, ки аз тарафи Маҷмаи Умумӣ 20 ноябри соли 1959 қабул шудааст, дар Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар эътироф гардидааст, дар Қарордоди байналхалқии роҷеъ ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз ҷумла дар моддаҳои 23 ва 24), инчунин дар Қарордоди байналхалқии роҷеъ ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (аз ҷумла дар моддаи 10),оинномаҳо ва ҳуҷҷатҳои марбутаи муассисаҳои тахассусӣ ва созмонҳои байналхалқие, ки бо масоили беҳзистии кӯдакон машғуланд, дар назар гирифта шудаанд;

- бо назардошти он ки дар Эъломияи ҳуқуқи кӯдак гуфта шудааст, ки: «кӯдак дар ҳоли ноболиғии ҷисмонӣ ва нокомилии ақлонӣ ба ҳимоя ва ғомхории махсус эҳтиёҷ дорад ва ҳимояи ҳуқуқии муносиби пеш аз таваллуд ва баъди он аз ҷумлаи ҳамин ғамхориҳост»;
- бо истинод ба нуқтаҳои Эъломия, принсипҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии он, ки ба ҳимоя беҳзистии кӯдакон, хусусан ба ҷиҳати супурдани бачаҳо барои тарбия ва фарзандхонӣ дахл дорад, бо истинод ба Қоидаҳои маъмули минималии Созмони Милали Муттаҳид, ки бо анҷоми адолати додгоҳӣ дар мавриди ноболиғон оид аст («Қоидаҳои Пекин»), бо истинод ба Эъломияи ҳимояи занону кӯдакон дар вазъияти фавқулодда ва даргириҳои мусаллаҳона;
- бо эътирофи он ки дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон кӯдаконе ҳастанд, ки дар шароити ниҳоят душвор зиндагӣ мекунанд ва ба таваҷҷӯҳи махсус эҳтиёҷ доранд;
- бо назардошти аҳамияти анъанаҳо ва арзишҳои фарҳангии ҳар халқ дар заминаи ҳимоя ва рушди мутаносиби кӯдак;
- бо эътирофи аҳамияти ҳамкории байналхалқӣ, ба хотири беҳсозии шароити зисти бачаҳо дар ҳар кишвар, аз ҷумла дар кишварҳои рӯ ба рушд, чунин мувофиқа ҳосил намуданд:

## ҚИСМИ 1

*__Моддаи 1.__*
Мувофиқи мақсадҳои ин Созишнома одам то 18- солагӣ кӯдак ба шумор меравад, ба истиснои мавридҳое, ки тибқи қонуни милли кишвараш синни балоғати ӯ пештар фаро мерасад.

*__Моддаи 2.__*
1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳама ҳуқуқҳоеро, ки ин Созишнома барои кӯдакон пешбинӣ кардааст, эҳтиром мекунанд,таъмин менамоянд, ба табъизу маҳдудияте роҳ намедиҳанд, нажод, пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ ва дигар ақидаҳо, мансубияти миллӣ, этикӣ ё иҷтимоӣ, ва чӣ гуна сурат гирифтани таваллуди кӯдак, ки будани волидо вай ё васиҳои қонунии ӯ ва ё вазъияти дигарро ба эътибор намегиранд.

1. Давлатҳои ширкаткунанда тамоми чораҳои зарурро мебинанд, ки кӯдак аз ҳама шаклҳои абъизумаҳдудияти ҳуқуқ эмин бошад, барои мақомаш, фаъолияташ, изҳори ақидаву эътиқодаш, ақидаҳои во лидонаш, васиҳои қонуниашё аъзои дигари оилааш мавриди таъқибу таҳдид ё муҷозот нагардад.

*__Моддаи 3.__*
1. Дар ҳамаи иқдомоти вобаста ба кӯдакон таваҷӯҳ пеш аз ҳама ба риояи манфиятҳои кӯдак равона мешавад, сарфи назар аз он ки ин иқдомотро кӣ содир

кардааст муассисаи давлатӣ, хусусӣ, таъминоти иҷтимоӣ, додгоҳҳо, мақомоти маъмурӣ ё қонунгузорӣ.
2. Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд кӯдакро бо чунин ҳимоя ва ғамхорӣ таъмин намоянд, ки барои беҳзистию хайрияти вай заруранд, ҳуқуқу вазифаҳои волидон, васиҳо ё дигар ашхосеро, ки нисбат ба ӯ масъулияти қонунӣ доранд, ба эътибор мегиранд, бо ин мақсад ҳамаи чораҳои қонунгузорӣ ва маъмурии мувофиқро меандешанд.

3. Давлатҳои ширкаткунанда шароит фароҳам меоранд, ки идораҳо, хадамот ва дастгоҳҳои масъули ҳимоя ё ғамхории кӯдакон мувофиқи қоидаҳои муқарраркардаи ташкилотҳои салоҳиятдор, аз ҷумла қоидаҳои соҳаи бехатарӣ ва фаъоли-яташон аз ҷиҳати шумора ва қобилияти нерӯи корӣ, инчунин аз ҷиҳати на зорати салоҳиятнок ҷавобгӯйи меъёрҳои муайяншуда бошад.

*Моддаи 4.*

Давлатҳои ширкаткунанда барои амалӣ гардонидани ҳуқуқе,ки дар Созишнома эътироф шудааст, ҳамаи тадбирҳоизарурии қонунгузорӣ, маъмурӣ ва дигар чораҳо меандешанд. Дар бобати ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо бардошти тамоми захираи худ ва ҳангоми зарурат, дар ҳудуди ҳамкории байналхалқӣ, ин чораҳоро амалӣ мекунанд.

*Моддаи 5.*

Давлатҳои ширкаткуанда масъулият, ҳуқуқ, вазифаҳои волидонро, аз ҷумла дар мавридҳои марбута (чунон ки русуми маҳал пешбинӣ намудааст), васиҳо ё ашхосӣ дигареро эҳтиром мекунанд, ки мувофиқи қонун масъулияти нигоҳубини кӯдакро ба дӯш гирифтаанд, барои амалӣ гардонидани ҳуқуқи эътирофкардаи ин Созишнома ба кӯдак чунонки лозим аст, раҳбарӣ мекунанд ва ин кор ба қадри рушди қобилияти ӯ иҷро мешавад.

*Моддаи 6.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ки ҳар кӯдак ҳуқуқи бечунучарои зистанро дорад.
2. Давлатҳои ширкаткунанда дар аввалин имконияти хеш зинда мондан ва рушди солими кӯдакро таъмин менамоянд.

*Моддаи 7.*

1. Кӯдак баъди таввалуд дарҳол ба қайд гирифта мешавад ва аз ин лаҳза ба ном ва дарёфти шаҳрвандӣ ҳуқуқ дорад, ҳамчунин, то ҳадде, ки имконпазир аст, ба донистани волидони худ ва ғамхории онҳо ҳақ дорад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда амалӣ шудани ин ҳуқуқро мутобиқи қонунгузории миллии худ таъмин мекунанд, ӯҳдадориҳои мавҷудаи ин соҳаро тибқи санадҳои

байнал-халқӣ иҷро менамоянд ва ҳатто дар ҳолати шаҳрванд набудани кӯдак ӯҳдадориҳои худро ба иҷро мерасонанд.

*Моддаи 8.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадорӣ мегиранд, ки ҳуқуқи кӯдакро барои ҳифзи фардияташ ҳурмат мекунанд, аз ҷумла нисбати шаҳрвандӣ, ном ва иртиботи оилавии ӯ, ки қонун дар назар дорад, эҳтиром зоҳир менамоянд ва ба дахолати ғайриқонунӣ роҳ намедиҳанд.

2. Агар кӯдак аз як қисм ё ҳамаи ҷузъияти фардиятихуд ғайриқонунӣ маҳрум гардад, давлатҳои ширкаткунанда барои ҳарчӣ зудтар барқарор шудани фардияташ ёрии зарурӣ мерасоннд.

*Моддаи 9.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда шароите фароҳам меоваронд, ки кӯдак бидуни хоҳиши волидон аз онҳо ҷудо нашавад, ба истисноии мавридҳое, ки мақомати салоҳиятдор тибқи қарори додгоҳ, тибқи қонун ва тартиботи муқараршуда муайян менамоянд, ки аз волидон ҷудо шудани кӯдак зарур ва мувофиқи беҳтарин манфиатҳои ӯст. Чунин муқаррарот дар баъзе мавридҳои мушаххас зарур меояд, масалан ҳангоме ки волидон ба кӯдак муомилаи бераҳмона доранд, ё ба ӯ ғамхор нестанд, ё дар сурате ки алоҳида зиндагӣ мекунанд ва дар бораи ҷои зисти кӯдак қароре қабул кардан лозим меояд.

2. Тибқи банди якуми ин модда, дар рафти ҳар муҳокимае, ки пеш меояд, ба ҳамаи тарафҳои манфиатдор имкон дода мешавад, ки дар баҳс иштирок кунанд ва нуқтаи назари худро баён намоянд.

3. Давлатҳои ширкаткунанда нисбат ба кӯдаки аз волидон ё аз яки онҳо ҷудошуда, ҳуқуқи муносибати мунтазам ва мустақими ӯро бо волидонаш эҳтиром мекунанд, ба истисноии мавридҳое, ки ин муносибату робитаҳо хилофи беҳтарин манфиатҳои кӯдак аст.

4. Дар мавридҳое, ки ин гуна ҷудоӣ аз ягон қарори давлати ширкаткунанда бармеояд, масалан дар мавриди боздошт, ҳабс, бадарға, кучӣ маҷбурӣ, марги худи кӯдак (аз ҷумла марге, ки бо ягон сабаб ҳангоми дар тобеияти ин давлат будани шахс фаро расидааст), давлати ширкаткунанда бо дархости волидон ё кӯдак ё дигар аъзои оила, ҳангоми зарурат, иттилооти лозимаро оиди маҳалли иқомати аъзои ғоиби оила дар ихтиёри онҳо қарор медиҳад, ба шарте ки чунин иттилоот ба осудаҳолии кӯдак зарар нарасонад. Давлатҳои ширкаткунанда коре мекунанд, ки иҷрои чунин дархост барои ашхосидахлдор ё яке аз онҳо оқибатҳои нохуш наорад.

*Моддаи 10.*

1. Тибқи ӯҳдадориҳои давлатҳои давлатҳои ширкаткунанда, ки дар банди 1-уми моддаи 9 баён шудаанд, аризаи кӯдак ё волидони вай, ки бо мақсади як шудани оила хоҳиши ба давлати ширкаткунанда ворид шудан ё азон берун рафтанро доранд, бояд аз тарафи давлатҳои ширкаткунанда ба таври мусбат, инсондӯстона,

фаврӣ баррасӣ шавад. Давлатҳои ширкаткунанда миннбаъд шароите таъмин мекунад, ки иҷрои ин дархостҳо барои аризадиҳандагон ва аъзои оила онҳо оқибатҳои нохуш наорад.

2. Кӯдаке, ки волидонаш дар кишварҳои гуногунзиндагӣ мекунанд, ҳақ дорад бо онҳо мунтазам, ба истисноии мавридҳои махсус, муносибати шахсӣ ва пайвандии бевосита дошта бошад. Бо ин мақсад ва тибқи ӯҳдадориашон, ки дар банди 2-и моддаи 9 баён шудааст, давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқеро эҳтиром мекунанд, ки мувофиқи он кӯдак ва волидон ҳақ доранд ҳар кишвареро, аз ҷумла кишвари ва ё худ баргарданд. Дар бобатиҳуқуқи тарки ҳар кишвар фақат ҳамон маҳдудиятҳое буда метавонанд, ки бо қонун муқаррар шудаанд ва барои ҳифзи бехатарии давлат, тартиботи ҷаъиятӣ, тандурустӣ ва ахлоқии аҳолӣ ё ҳуқуқи озодии ашхоси дигар заруранд ва бо ҳуқуқи дигар, ки дар ин Созишнома эътироф шудаанд, мутобиқ мебошад.

*Моддаи 11.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда барои мубориза бо кучӣ ғайриқонунӣ ва барнагаштани кӯдакон аз хориҷа чораҳо меандешанд.

2. Бо ин мақсаддавлатҳои ширкткунанда барои бастани мувофиқатномаи дуҷониба ё чандҷониба, ё барои ҳамроҳ шудан ба мувофиқатномаҳои амалкунанда мусоидат менамоянд.

*Моддаи 12.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда шароите таъмин мекунанд, ки чун кӯдаке назари шахси  худро ифода карда метавонад, имкон дошта бошад нуқтаи назарашро оид ба ҳамаимасъалаҳои дахлдор озодона баён намояд. Дар маврид ба нуқтаи назари кӯдак мувофиқи синну сол ва рушди ӯ эътибор дода мешавад.

2. Бо ин мақсад дар рафти  ҳар гуна мурофиаи додгоҳ ё тафтишоти маъмурии марбут ба кӯдак, бевосита ё ба воситаи намоянда ё идораи дахлдор, бо тартибе, ки додрасии қонунгузории миллӣ ба назар гирифтааст, ба кӯдак имкон дода мешавад, ки сухани худро гӯяд.

*Моддаи 13.*

1. Кӯдак ҳақ дорад ақидаи худро озодона баён намояд; ин ҳуқуқ, ки истифодаи озодонаи иттилоот, қабулу ирсоли он ва ҳар навъ андешаро дар бар мегирад, новобаста ба сарҳадҳо, дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё чопӣ, дар  шакли асарҳои санъат ё бо ёрии воситаҳои дигар, мувофиқи интихоби кӯдак амалӣ мешавад.

2. Тибқи ин ҳуқуқ метавонад таҳти баъзе маҳдудиятҳо қарор гирад, ки қонун пешбинӣ намудааст ва ин маҳдудиятҳо:

а) барои эҳтироми ҳуқуқу шаъну шараф ва эътибори ашхоси дигар;

б) барои ҳимояи бехатарии давлатӣ ё тартиботи ҷамъитятӣ, тандурустӣ ва ахлоқӣ заруранд.

*Модда 14.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро дар озодии афкор, виҷдон ва дин эҳтиром мекунанд.

2. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқу вазифаҳои волидон, дар мавридҳои муносиб, васиҳои конуниро ҳурмат мекунанд, ки ба кӯдак барои амалӣ гаштани ҳуқуқи ӯ бо усуле, ки ба рушди қобилияти кӯдак мувофиқат кунад, роҳбарӣ менамояд.

3. Озодии пайравӣ ба дин ё мазҳаби худ метавонод фақат таҳти чунин маҳдудиятҳое қарор гирад, ки бо қонун муқаррар шудаанд ва барои ҳимояи бехатарии давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, ахлоқ ва тандурустии аҳолӣ ё ҳимояи ҳуқуқи асосии ашхоси дигар ва озодии онҳо заруранд.

*Моддаи 15.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро дар озодии иттиҳодиятҳо ва озодии маҷлисҳои осоишта эътироф мекунанд.

2. Дар мавриди татбиқи ин ҳуқуқ ҳеҷ гуна маҳдудият ба кор бурда намешавад, ғайри маҳдудиятҳое, ки мувофиқи қонун амалӣ мегарданд ва дар ҷомиаи демократӣ ба мафиати бехатрии ҷамъият, тартиботи ҷамъият, ҳифзи тандурустӣ ё ахлоқӣ ё ҳимояи ҳуқуқу озодии ашхоси дигар заруранд.

*Моддаи 16.*

1. Ягон кӯдак дар амалӣ гардидани ҳуқуқи ӯ оид ба ҳаёти шахсӣ, ҳаёти оилавӣ, дахлнопазирии манзил ё сирри мукотибот набояд ҳадафи дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ қарор бигирад ё ки ба номус ва обрӯи вай тааддии ғайриқонунӣ содир шавад.

2. Кӯдак ҳуқуқ дорад, тибқи қонун аз ин гуна дахолат ё тааддӣ ҳимоя шавад.

*Моддаи 17.*

Давлатҳои ширкаткунанда нақши муҳими васоити ахбори умумро дар ҳаёти кӯдак эътироф мекунанд ва дастрасии ӯро ба ахбор ва маводе таъмин месозанд, ки аз сарчашмаҳои гуногуни миллию байналхалқист,ки ба беҳзистии иҷтимоӣ, маънавӣ, ахлоқӣ равона шуда бошанд, инчунин ба рушди солими ҷисмонию рӯҳонии кӯдак мусоидат кунанд.

Бо ин мақсад давлатҳои ширкаткунанда:

а) васоити ахбори умумро дар пахши иттилоот ва маводе, ки барои кӯдак аз ҷиҳати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мувофиқи рӯҳияи моддаи 29, манфиатнок ҳастанд, дастгирӣ мекунанд;

б) ҳамкориҳои байналхалқӣ оид ба омода намудан, мубодила ва пахши чунин иттилооту мавод аз сарчашмаҳои фарҳангии онҳо мусоигуногуни фарҳангӣ, миллӣ ва байнал- милалиро дастгирӣ мекунанд;

в) табъу нашри адабиёти бачагонаро дастгирӣ мекунанд;

г) васоити ахбори умумро дар зоҳир намудани эътибори махсус ба талаботи забонии кӯдаке, ки аз аҳли гурӯҳи ақалият ё аҳолии таҳҷоист, дастгирӣ мекунанд.

д) тадвину танзими принсипҳои марбутаи ҳифзи кӯдакро аз иттилооту маводе, ки барои беҳзистии ӯ зарар доранд, дастгирӣ мекунанд ва дар ин кор нуктаҳои моддаи 13 ва 18-ро ба назар мегиранд.

*Моддаи 18.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи талошҳои имконпазирро мекунанд, ки эътирофи принсипи масъулиятшиносии умумӣ ва якхелаи падару модар баҳри тарбия ва рушди кӯдак таъмин шавад. Волидайн, инчунин дар мавридҳои марбут, васиҳои қонунӣ, барои тарбия ва рушди кӯдак масъулияти асосиро_ба дӯш доранд. Беҳтарин манфиатҳои кӯдак мавриди таваҷҷӯҳи асосии онҳо қарор меёбад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда бо мақсади кафолат ва мусоидат барои иҷрои ҳуқуқе, ки дар Созишнома нишон дода шудааст, ба падару модарон ва васиҳои қонунӣ баҳри адои вазифаҳояшон оид ба тарбияи фарзандон кӯмаки даркорӣ мерасонанд ва инкишофи муассисаҳои кӯдаконаро таъмин мекунанд.

3. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи чораҳоро меандешанд, то кӯдаконе, ки волидонашон кор мекунанд,аз ҳуқуқи истифодаи хадамоти махсуси далатӣ ва муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон бархурдор бошанд.

*Моддаи 19.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи чораҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, иҷтимоӣ ва маърифатиро мебинанд, то кӯдак аз ҳама шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳонӣ, аз таҳқир ё суиистифодаи шаҳвонӣ, ки аз тарафи волидон ё васиҳо ва ё дигар шахсони масъули сарпараст содир мегардад, ҳимоя шавад.

2. Чунин чораҳои ҳимоя дар сурати зарурат, аз таъмини тартиботи самараноке барои тарҳрезии барномаҳои иҷтимоӣ иборат хоҳад буд, ки мақсади он дастгирии зарурии кӯдак ва ашхосест, ки дар ҳаққи ӯ ғахорӣ мекунанд. Инчунин амалӣ гардонидани шаклҳои дигари пешгирӣ ва фошкунӣ, хабардоркунӣ ва супурдан ба баррасӣ, таҳқиқ, табобат ё дидани чораҳои минбаъда дар сурати рӯй додани муносибати бераҳмона нисбат ба кӯдак, ки дар боло ишора шуд ва дар мавриди зарурат тақозои додрасӣ мебошад.

*Моддаи 20.*

1. Кӯдаке, ки муваққатан ё доиман аз ғамхории оилааш маҳрум аст, ё ба хотири беҳтарин мафиатҳои худ дар ин муҳит буда наметавонад, ба ҳимоя ва кӯмаки махсус ҳуқуқ дорад, ки давлат дар ихтиёри ӯ мегузарад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда мувофиқи қонунҳои миллии худ нигоҳубини чунин кӯдакро таъмин мекунанд.

3. Чунин нигоҳубин метавонад аз он иборат бошад, ки ба тарбия, аз рӯи шариати исломӣ ба «кафолат» супранд ба фарзандхонӣ иҷозат диҳанд, ё дар сурати зарурат дар муассисаҳои нигоҳубини ҷойгир кунанд.

Ҳангоми баррасии шаклҳои дигари нигоҳубин зарурати таъмини ҳамвораи тарбияи кӯдак, инчунин нажод, мансубияти диниву фарҳангӣ ва забони модарии ӯ ба тарзи шоиста ба инобат гирифта шавад.

*Моддаи 21.*

Давлатҳои шркаткунандае, ки низоми фарзандхониро эътироф мекунанду иҷозат медиҳанд, шароитеро таъмин месозанд, кипеш аз ҳама созгори беҳтарин манфиатҳои кӯдак бошад ва:

а) шароите таъмин мекунанд, ки ба фарзандӣ гирифтан фақат аз тарафи мақомати расмии босалоҳият иҷозат дода шавад. Ин мақомот тибқи қонунҳо ва тартиботи корбарии маъмурӣ ва дар асоси ҳамаи иттилооти дахлдор ва қобили эътимод муқаррар мекунанд,ки фарзандхонӣ бо назардошти вазъи кӯдак нисбати волидон, хешу табор ва васиҳои қонунӣ имконпазир аст. Ва агар зарур ояд, шахсони алоқаманд
дар асоси машварат барои ба фарзандӣ гирифтан розигии огоҳона медиҳанд.

б) эътироф мекунанд, ки агар кӯдакеро имкони дар кишвари худаш, дар оилае ба тарбия додан ё ба фарзандӣ қабул намудан имкон надорад ва ё шароити нигоҳубини муносиб нест, ба фарзандӣ гирифтани ӯ дар кишвари дигаре ба сифати алтернативаи парвариши кӯдак қобил қабул аст;

в) шароитте таъмин мекунанд, ки агар кӯдак дар кишвари дигаре фарзандхон шавад, ҳамаи кафолат ва меъёрҳое, ки дар кишвари худи ё дар мавриди фарзандхонӣ роиҷ аст, риоя гардад;

г) ҳамаи чораҳоро меандешанд, ки агар кӯдак дар мамлакати дигаре ба фарзандӣ қабул шавад, ҷойгир кардани ӯ боиси ба даст овардани фоидаи беасоси молии шахсони алоқаманди ин кор нагардад;

д) дар мавриди зарурӣ, барои ба даст омадани мақсадҳои ин модда, баҳри имзо шудани созишномаҳо ё қарордодҳои дуҷониба ё чандҷониба мусоидат мекунанд ва дар ин асос барои таъмини шароите мекӯшанд, ки ҷойгир шудани кӯдак дар дигар кишвар аз тарафи мақомоти расмӣ ё идораҳои босалоҳият анҷом дода шавад.

*Моддаи 22.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда чораҳои зрурӣ мебинанд, ки агар кӯдак мақоми гурезагӣ гирифтан хоҳад ё агар тибқи ҳуқуқи байналхалқӣ ё дохилӣ ё мувофиқи кори марбут гуреза ҳисоб шавад, хоҳ танҳо, хоҳ ҳамроҳи волидон, ё ҳамроҳи ҳар одами дигаре бошад, ӯро бо ҳимояи даркорӣ ва ёрии башар дӯстона таъмин намоянд ва кӯдак аз ҳуқуқи марбути ин Созишнома ва дигар ҳуҷҷатҳои байналхалқии ҳуқуқи инсон ё ҳуҷҷатҳои башардӯстона, ки давлатҳои алоқаманд иштироккунандаи он ҳастанд, баҳрманд бошад.

2. Бо ин мақсад давлатҳои ширкаткунанда, ҳангоми зарурат ба ҳама кӯшишҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои босалоҳияти байнидавлатӣ ё ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки бо Созмони Милали Муттаҳид ҳамкорӣ доранд, барои ҳимояи чунин кӯдак, ёрӣ расонидан ба ӯ, ҷустуҷӯи падару модар ё дигар аъзои оилаи ҳар кӯдаки гуреза, барои дарёфти иттилооте, ки ҷиҳати пайвастани ӯ бо оилааш заруранд, мусоидат мекунанд. Агар волидон ё дигар аъзои оила ёфт нашаванд, кӯдак мисли ҳар кӯдаке, ки бо ягон сабаб муваққатан ё доиман аз оила маҳрум гаштааст, тавре ки дар ин Созишнома муқаррар гардидааст, ҳимоя мешавд.

*Моддаи 23.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ки кӯдаки рӯҳан ва ҷисман ноқис бояд ҳаёти пурарзиш дошта бошад, шароите дошта, ки шарафи инсонии ӯро таъмин кунад, барои ба худ бовар доштанаш мусоидат намояд ва иштироки ӯро дар ҳаёти ҷомеа осон гардонад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдаки ноқисро ба ғамхории махсус эътироф мекунанд. Агар кӯдак ё парасторонаш ёрмандӣ ҳақ дошта бошад, муносиби вазъи кӯдак, аҳволи волидон ва ё дигар парасторонаш аз рӯи тавон дастгирӣ ва бо лавозимоти мавриди ниёзаш таъмин мекнанд.

3. Бо эътирофи эҳтиёҷоти вижаи кӯдаки ноқис мувофиқи банди 2-и ин модда ёрие, ки расонода мешавад, то ҳадди имкон ройгон (бепул) хоҳад буд Дар ин маврид аҳволи моддии волидон ва дигар шахсоне, ки дар ҳаққи кӯдак ғамхорӣ мекунанд, ба назар гиритфта мешавад. Мақсад ин, ки кӯдаки ноқис ба хадамоти соҳаи маориф, тайёрии касбӣ, хидмати тиббӣ, барқарокунии саломатӣ, воситаҳои истироҳат, омодагӣ ба фоъолияти меҳнатӣ дастрасӣ дошта бошад, то ки ба ҳадди имкон ҳарчӣ пурратар ба ҳайёти иҷтимоӣ ҷалб шавад, дар рушди шахсияти худ, аз ҷумла дар рушди фарҳангиву маънавӣ, комёб бошад.

4. Давлатҳои ширкаткунанда дар партави ҳамкории байналхалқӣ барои мубодилаи ахбори вобаста ба тибби пешгиркунандаи бемориҳо (профилактика) ва табобати рӯҳӣ ва функсионалии кӯдакони ноқис мусоидат мекунанд. Ин мусоидат паҳн кардани иттилоот оид ба равишҳои тармим (реабилитатсия), таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, инчунин дастрасӣ ба ин иттилоотро низ фаро мегирад. Давлатҳои ширкаткунанда ба ин восита метавонанд имконоту донишҳои худро беҳтар ва таҷрибаашонро дар ин соҳа бештар гардонанд. Дар пайвастагӣ ба ин ба талаботи кишварҳои рӯ ба рушд бояд диққати махсус дод.

*Моддаи 24.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро барои истифодаи мукаммалтари хадамоти соҳаи тандурустӣ, воситаҳои табобат ва барқарор кардани саломатӣ эътироф мекунанд. Давлатҳои ширкаткунанда бояд шароите таъмин намоянд, ки ягон кӯдак аз ҳуқуқи дастрасӣ ба хадамоти соҳаи нигаҳдории тандурустӣ маҳрум набошад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда кӯшиш мекунанд, ки ин ҳуқуқ пурра таъмин шавад, аз ҷумла чораҳо меандешанд, ки:

а) фавти бачаҳо тозапой ва кӯдакмурӣ коҳиш ёбад;

б) тамоми кӯдакон бо кӯмаки зарурии тиббӣ ва ҳифзи саломатӣ таъмин бошанд, диққат пеш аз ҳама ба инкишофи ёрии аввалини тиббию беҳдоштӣ равона шавад;

в) бо беморӣ ва камғизоӣ мубориза бурда шавад, аз ҷумла дар доираи ёрии аввалини тиббию беҳдоштӣ, дар қатори дигар чораҳо, технологияе, ки ба осонӣ дастрас карда мешавад, истифода гардад, хӯроквории серғизо, оби тозаи нӯшокӣ бошад, хавфу хатари ифлоси муҳити зист ба эътибор гирифта шавад;

г) ба модарон баҳри ҳифзи саломатиашон дар даври пеш аз таваллуд ва баъд хидмат расонида шавад;

д) ҳамаи табақаҳои ҷамъият, аз ҷумла волидон ва кӯдакон, дар бораи саломатӣ ва ғизоӣ кӯдакон, дар бораи муҳити зисти кӯдак ва пешгирии воқеаҳои нохуш огаҳӣ дошта бошанд, инчунин дастрасии онҳо ба маърифату таҳсил таъмин гардад, барои корбасти ин донишҳо дастгирӣ бинанд;

е) рушди корҳои равшангарӣ ва хадамоти соҳаи пешгирии бемориҳо ба воситаи ёрии тиббӣ ва танзими оила таъмин гардад.

3. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи чораҳои самаранок ва заруриро меандешанд, то амалкардҳои суннатие, ки ба саломатии кӯдак таъсири мафнӣ мерасонанд, барҳам дода шавад.

4. Давлатҳоиширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд ҳамкории байналхалқиро тақдир кунанд ва бо мақсади тадриҷан ба даст овардани иҷрои пурраи ҳуқуқе, ки дар ин модда эътироф шудааст, онро вусъат диҳанд. Дар пайвастагӣ ба ин, диққати асосӣ бояд ба талаботи кишварҳои рӯ ба рушд дода шавад.

*Моддаи 25.*

Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакеро, ки идораҳои босалоҳият бо мақсади нигоҳубин, ҳимоя ва табобати ҷисмонӣ ё рӯҳонӣ вайро ба парасторӣ додаанд, ба зарурати санҷиши мунтазами табобат ва ҳар шароити дигаре, ки ба нигоҳубинаш алоқаманд аст, эътироф мекунанд.

*Моддаи 26.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи ҳар кӯдакро ба неъматҳои таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла ба бимаи иҷтимоӣ, эътироф мекунанд. Барои таъмини пурраи ин ҳуқуқ дар мутобиқат бо қонунгузории миллиашон ҳамаи чораҳои зарурӣро мебинанд.

2. Ин неъматҳои иҷтимоӣ ба қадри зарурат ва ба андозаи захираҳои мавҷуда ва имкониятҳои кӯдак ё сарпарастони ӯ фароҳам оварда мешавад.

*Моддаи 27.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи ҳар кӯдакро барои таъмини сатҳи зиндагие, ки баҳри рушди ҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдак зарур аст, эътироф мекунанд.

2. Падару модар ё ашхоси дигари тарбиятдиҳандаи кӯдак баҳри таъмини чунин шароити зиндагӣ, ки барои рушди ӯ зарур аст, масъулияти асосиро ба дӯш доранд ва дар доираи қобилияту имкониятҳои молии худ амал мекунанд.

3. Давлатҳои ширкаткунанда тибқи шароити миллӣ ва дар доираи имкониятҳои худ чораҳои даркорӣ меандешанд, ки ба волидон ё дигар ашхосе, ки ба тарбияи кӯдак машғуланд, ёрӣ бидиҳанд, то ки ин ҳуқуқ амалӣ шавад Дар мавриди зарурӣ ёрии моддӣ мерасонанд, барномаҳоеро, ки хусусан ба таъмини хӯроку пӯшок ва ҷои зист нигаронида шудаанд, дастгирӣ мекунанд.

4. Давлатҳои ширкаткунанда чораҳои зарурӣ мебинанд, ки нигаҳбонии кӯдак аз ҷониби волидон ё ашхоси дигар, ки масъулияти молӣ доранд, чӣ дар дохили давлати ширкаткунанда, чӣ дар хориҷ, барқарор шавад. Аз ҷумла, агар кӯдак ва шахсе, ки масъулияти молии кӯдакро ба дӯш дорад, дар давлатҳои гуногун зиндагӣ кунанд, давлатҳои ширкаткунанда барои ҳамроҳ шудан ба созишномаҳои байналхалқи ё бастани чунин созишномаҳо,инчунин барои ба даст овардани дигар қарордодҳои дахлдор мусоидат мекунанд.

*<u>Моддаи 28.</u>*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро барои таҳсилот эътироф мекунанд. Бо мақсаде, ки ин имконият тадриҷан барои ҳамагон фароҳам ояд, аз ҷумла:

а) таҳсили ибтидоии ҳатмии ройгонро ҷорӣ мекунанд;

б) рушди шаклҳои гуногуни маълумоти умумӣ, чӣ маълумоти миёна, чӣ касбиро, тақдир мекунанд, ба он дастрасӣ доштани ҳамаи бачаҳоро таъмин месозанд, чораҳое чунҷорӣ намудани таҳсили ройгон ва дар мавридҳои зарурӣ, расонидани кӯмаки молиро меандешанд;

в) ба таҳсилоти олӣ дастрасӣ доштани ҳамаро дар асоси лайёқати ҳар кас ва бо ёрии ҳамаи воситаҳои мавҷуда таъмин мекунанд;

г) ба иттилоот ва маводи соҳаи таҳсилоту тайёрии касбӣ дастрасӣ доштани ҳамаи кӯдаконро таъмин мекунанд;

д) барои мусоидат намудан ба иштироки пайвастаи талабагон дар мактаб ва кам шудани шумораи онҳое, ки мактабро тарк кардаанд, чора мебинанд.

2. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи чораҳои заруриро меандешанд, то интизом дар мактаб бо усулҳое, ки эҳтироми шарафи инсонии кӯдакро дар назар доранд, нигаҳдорӣ шавад ва мувофиқи ин Созишнома бошад.

3. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамкории байналмилалии оид ба масъалаҳои таҳсилотро тақдир мекунанд ва инкишоф медиҳанд, аз ҷумла барои маҳви бесаводӣ дар ҷаҳон, барои дастрасӣ ба донишҳои илмиву техникӣ усули муосири омӯзиш мусоидат менамоянд. Дар робита бо ин, ба дархостҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ диққати махсус медиҳанд.

*<u>Моддаи 29.</u>*

1. Давлатҳои ширкаткунанда мувофиқанд, ки таҳсилоти кӯдак равон шавад:

а) ба рушди куллии шахсият, истеъдод, қобилияти ақлониву ҷисмонии кӯдак:

б) ба тарбияи эҳтироми ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, инчунин эҳтироми принсипҳое, ки дар Оинномаи  Созмони Милали Муттаҳид эълом шудаанд;

в) ба тарбияи ҳурмати волидайни кӯдак, ҳурмати хусусияти фарҳангӣ, забони модарии ӯ ва арзишҳоион, ҳурмати арзишҳои миллии кишваре, ки кӯдак зиндагӣ мекунад ва кишваре, ки баромадаш аз он ҷост, ҳурмати тамаддунҳое, ки аз тамаддуни худаш фарқ мекунанд;

г) ба омодасозии кӯдак барои ҳаёти огоҳона дар ҷомеаи озод дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳ, таҳамул, баробарҳуқуқии марду зан, дӯстии ҳамаи халқҳо, гурӯҳҳои этникӣ, миллӣ ва динӣ, инчунин дӯстӣ бо мардуми таҳҷоӣ;

д) тарбияи эҳтиром нисбат ба муҳити зист.

2. Ягон қисми ин модда ё моддаи 28, чун маҳдуд кардани озодии шахсони алоҳида ё мақомоте дар таъсиси муассисаҳои таълимӣ ва роҳбарии ин муассисаҳо маънидод нашавад, ба шарте, ки принсипҳои дар банди 1-и ин модда баёншуда, пайваста риоя гарданд, маълумоте, ки дар он муассисаҳои таълимӣ дода мешаванд, ҷавобгӯйи меъёрҳои минималии муайнкардаи давлат бошад.

***<u>Моддаи 30.</u>***

Дар давлатҳое, ки ақалияти динӣ, этники ё забонӣ ва ё мардуми таҳҷоӣ зиндагӣ мекунанд, кӯдаки ба ақалиятҳо ё аҳолии таҳҷоӣ мансуббуда, аз ҳуқуқи истифодаи фарҳанг,  забони модарӣ, риояи дин ва иҷрои  маросимҳои динӣ бо ҳамгурӯҳонаш набояд маҳрум бошад.

***<u>Моддаи 31.</u>***

1. Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ки кӯдак барои истироҳат ва фароғат, барои иштирок дар бозиҳо ва чорабиниҳои шавқангези мувофиқи синну сол, барои ширкати озодона дар ҳаёти фарҳангӣ ва шуғл варзидан ба санъат ҳуқуқ дорад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро ба иштироки ҳаматарафа дар ҳаёти фарҳангӣ ва эҷодӣ эҳтиром ва тақдир намуда, ба муҳайё сохтани имкониятҳои мувофиқ ва баробар барои фаъолияти фарҳангӣ ва эъҷодӣ, фароғат ва истироҳат мусоидат мекунанд.

***<u>Моддаи 32.</u>***

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро барои ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ, аз иҷрои ҳар коре, ки барои саломатии ӯ хатар дорад ё садди роҳи таҳсилот мешавад ё ба саломатии ӯ, рушди ҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиаш зарар мерасонад,  эътироф мекунанд.

2. Давлатҳои ширкаткунанда чораҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ, инчунин чораҳое дар соҳаи таҳсилот меандешанд, ки ин модда дар амал ҷорӣ гардад. Бо ин мақсад дигар ҳуҷҷатҳои дорои аҳамияти байналхалқиро дастури амал қарор дода, аз ҷумла:

а) ҳадди синну соли кӯдакон ё чанд ҳадди ақали синну соли кӯдаконро барои қабул кардан ба кор таъин менамояд;

б) меъёри зарурии рӯзи кор ва шароити кориро муайян менамоянд;

в) ҷазоҳои муносиб ё чораҳои дигарро мебинанд, то ки татбиқи босамари ин модда таъмин гардад.

*Моддаи 33.*

Давлатҳои иштирокчӣ ҳама чораҳои зарурӣ, аз ҷумла тадбирҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ, инчунин чораҳое дар соҳаи таҳсилот меандешанд, ки кӯдаконро аз истеъмоли моддаҳои нашъаовар ва истеъмоли моддаҳои равоншикан (психотропӣ) тибқи муқаррароти шартномаҳои байналхалқӣ ҳифз намоянд ва роҳ надиҳанд, ки кӯдакон барои истеҳсоли ғайриқонунӣ ва фурӯши ин моддаҳо истифода шаванд.

*Моддаи 34.*

Давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадор мешаванд, ки кӯдаконро аз ҳама гуна шаклҳои истисмори шаҳвонӣ ва бурдан ба бадроҳии шаҳвонӣ ҳифз намоянд. Бо ин мақсад давлатҳои иштирокчӣ, аз ҷумла дар сатҳи дуҷониба ва чандҷониба барои пешгирии рӯйдодҳои зерин чора меандешанд:

а) моил ё маҷбур кардани кӯдак ба ҳар фаъолияти шаҳвонӣ;

б) истисмори кӯдак дар фоҳишагӣ ё дигар амалиёти шаҳвонӣ;

в) истисмори кӯдак дар бараҳнатасвирӣ (порнография) ва маводи бараҳнатасвирӣ.

*Моддаи 35.*

Давлатҳои иштирокчӣ дар сатҳи миллӣ, сатҳи дуҷониба ва чандҷониба ҳамаичораҳои зарурӣро меандешанд, ки кӯдакдуздӣ, кӯдакфурӯшӣ ё қочоқи кӯдак, бо кадом шаклу мақсаде, ки бошад, пешгирӣ шавад.

*Моддаи 36.*

Давлатҳои иштирокчӣ кӯдакро аз тамоми шаклҳои дигари истисмор, ки ягон ҷиҳат ба осудаҳолии вай зарар мерасонанд, ҳифз менамоянд.

*Моддаи 37.*

Давлатҳои иштирокчӣ шароите таъмин месозад, ки:

а) ягон кӯдак ба азобу шиканҷа, ё дигар навъҳои муносибати бад, ё ҷазои бераҳмона ва ғайриинсонӣ, ё таҳқиркунандаи шаъни инсонӣ гирифтор нашавад. Ба шахсоне, ки синнашон аз 18 поён аст, барои содир кардани ҷинояте ҳукми қатл, ё ҳабси якумрӣ, ки имкони озодӣ надорад, муқаррар нашавад;

б) ягон кӯдак ғайриқонунӣ ё худсарона зиндонӣ (аз озоди маҳрум) нагардад. Боздошт ва зиндонӣ шудани кӯдак танҳо чун чораи ниҳоӣ ва то ҳадди имкон дар муддати кӯтоҳтар, баҷо оварда шавад;

в) ҳар кӯдаки зиндонӣ (маҳрум азозодӣ) муомилаи инсондӯстона бинад ва шаъни мусалламӣ шахсии ӯ бо на-зардошти талаботи шахсони ҳамсоли вай эҳтиром шавад. Аз ҷумла ҳар кӯдаки зиндонӣ бояд аз калонсолон ҷудо нигоҳ дошта шавад, ба шарте ки ин кор хилофи беҳтарин манфиатҳои кӯдак набошад. Ӯ, ба истисноии мавридҳои махсус, бо аҳли оилаи худ аз тариқи мукотиба ва мулоқот бояд ҳуқуқи алоқа дошта бошад;

г) ҳар кӯдаки зиндонӣ (аз озодӣ маҳрумшуда) ба кӯмаки бетаъхири ҳуқуқӣ ва дигар кӯмакҳои мартуб бояд дастрасӣ дошта бошад. Инчунин ҳуқуқ дошта бошад, ки дар назди додгоҳ ва дигар мақоми босалоҳияти мустақил ва беғараз, қонунияти ҳукми маҳрумӣ аз озодии борояш раводидаро мавриди баҳс қарор диҳад. Ҳамчунин ҳуқуқи талаби ҳарчӣ зудтар қарор баровардани онҳоро оид ба ҳар кадоми ин гуна амалиёти додрасӣ дошта бошад.

*Моддаи 38.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқии башардӯстонаро, ки дар мавриди задхӯрдиҳои мусаллаҳона нисбати онҳо ба кор бурда мешаванд ва ба кӯдакон низ дахл доранд, ҳурмат кунанд ва риояи он меъёрҳо таъмин намоянд.

2. Давлатҳои ширкаткунанда то ҳадди имкон чора меандешанд, ки бачаҳои синнашон аз 15 дар амалиёти ҳарбӣ бевосита иштирок накунанд.

3. Давлатҳои ширкаткунанда барои хидмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ аз даъвати бачаҳои то 15 сола худдорӣ мекунанд. Агар онҳоеро, ки ба синни 15 расидаанду ҳанӯз 18-сола нестанд, ба хидмати ҳарбӣ лозим оянд, даъвати шахсони калонсолтарро салоҳмедоданд.

4. Давлатҳои ширкаткунанда мувофиқи ӯҳдадориҳояшон оид ба ҳуқуқи байналхалқии башардӯстона, ки ба ҳимояи аҳолии осоишта дар замони низои мусаллаҳона алоқаманд аст, вазифадоранд аз рӯи имкон чораҳоеро бинанд, ки ҳангоми чунин низоъҳо ҳимоя ва нигоҳубини кӯдакон таъмин гарданд.

*Моддаи 39.*

Давлатҳои ширкаткунанда ҳама чораҳои зарурироо меандешанд, ки барои барқароркунии ҷисмонӣ, рӯҳонӣ ва истиқрори муҷаддад (реинтегратсия)-и иҷтимоии кӯдаке, ки гирифтори ҳар гуна беэътиноӣ, истисмор ё суиистифода, азобу шиканҷа ё дигар гуна муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё пасткунандаи шаъни инсонӣ ё ҷазо шудааст, ё дучори задхӯрдиҳои мусаллаҳона гардидааст, мусоидат намоянд. Чунин барқароркунӣ ва истиқрори муҷаддад бояд дар шароите, ки саломатӣ, эҳтиром ва шаъни инсонии кӯдакро ҳифз мекунад, амалӣ гардад.

*Моддаи 40.*

1. Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ҳар кӯдаке, ки конуни ҷиноиро вайрон кардааст ва аз ин рӯ дар қонуншиканӣ гумонбар ё гунаҳкор дониста мешавад, ба чунин муомилае ҳуқуқ дорад, ки барои рушди эҳсоси шаъни инсонӣ ва

қадру қимати ӯ мусоидат мекунад, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии дигаронро мустаҳкам менамояд. Дар ин маврид синну соли кӯдак, матлубияти истиқрори муҷаддад (реинтегратсия)-и ӯ,имкони иҷрои нақши босамари ӯ дар ҷомеа ба назар гирифта мешавад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда бо ин мақсад ва бо назардошти нуктаҳои марбути ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ, шароит фароҳам меорад, ки:

а) ягон кӯдак рафтори норавою саҳве карда бошаду ҳангоми ин саҳву рафтори нораво карданаш, қонунҳои миллӣ ё байналхалқӣ ин амалҳоро манъ нанамуда бошанд, набояд ки вайронгари қонунгузории ҷиноӣ (ба сабаби амале ё беамалӣ), гумонбари гунаҳкорӣ ё гунаҳкор дониста шавад;

б) ҳар кӯдаке, ки вайронгари қонуни ҷиноӣ ё дар вайронгарӣ гумонбар дониста мешавад, бояд ақалан кафолатҳои зерин дошта бошад:

1) то қонунан исбот шудани гуноҳаш бояд аз фарзияи бегуноҳӣ бархурдор бошад;
2) бояд фавран ва бевосита аз гумонбар дониста шуданаш огоҳӣ ёбад ва агар зарур бошад, ин огоҳӣ ба воситаи волидонаш ё васиҳои қонуниаш бирасад. Ҳангоми омодагӣ ба ҳимояи худ ва амалӣ кардани ин ҳимоя, битавонад кӯмаки ҳуқуқӣ ва дигар кӯмакҳо бигирад;
3) ҳангоме ки мақоматибосалоҳият  ва беғаразе ё додгоҳе

бо мурофиаи одилонаи қонунӣ дар ҳузури вакили додгустарӣ ё дигар чунин шахсе масъаларо баррасӣ мекунад, бояд зудтар қарор барорад, ба шарте ки суръат бахшидан ба ин амал хилофи беҳтарин манфиатҳои кӯдак набошад, аз ҷумла дар ин маврид синну соли ӯ, аҳволи волидонаш ё васиҳои қонуниаш ба назар гирифта шавад;

4) озодии кӯдак аз шаҳодатдиҳии маҷбурӣ таъмин гардад, шаҳодати  шоҳидони гунаҳкоркунанда мустақилона ё бо ёрии шахсони дигар омӯхта шавад ва иштироки баробарҳуқуқонаи шоҳидони ҳимоятгар ва таҳқиқи шаҳодати онҳо таъмин гардад;
5) Агар ҳисоб шавад, ки кӯдак қонуншиканӣ кардааст, масъала аз тарафи идораи босалоҳият, мустақил ва беғараз ё идораи додгоҳӣ бо қарор ва ҳама гуна чораҳои ба ин муносибат дидашуда, бояд тибқи қонун такроран мавриди баррасӣ қарор гирад;
6) Агар кӯдак забони маъмулро нафаҳмад ё бо он сухан гуфта натавонад, бояд аз ёрии ройгони тарҷумон бархурдор гардад;
7) Эҳтироми комили ҳаёти шахсии ӯ дар ҳама марҳалаҳои мурофиа бояд таъмин шавад;

3. Давлатҳои ширкаткунанда барои бачаҳое, ки шояд қонуншикании ҷиноӣ кардаанд, гумонбар ба айбдорӣ ё гунаҳкор дониста мешавад, қонунҳо ва тартиботи муайян ҷорӣ мекунанд, мақомоту муассисаҳое таъсис медиҳанд, ки бевосита ба бачаҳо дахл дорад. Аз ҷумла мекӯшанд, ки:

а) синни ниҳоии кӯдакиро, муайян созанд, ки поинтар аз он синн кӯдак ба қонуншикании ҷиноӣ қодир нест;

б) агар зарурате ё хоҳише ба амал ояд, чораҳое бояд андешид, ки бо чунин кӯдакон бе дахолати додгоҳ муомила шавад ва дар ин мавридҳуқуқи башар ва кафолатҳои ҳуқуқӣ мукам малан риоя гарданд.

4. Чорабиниҳое аз қабили нигоҳубин, таҳияи дастурамали васояту назорат, ташкили хадамоти машваратӣ, таъини мӯҳлати санҷиш, тарбия, омодасозии барномаи таълиму тайёрии касбӣ ва дигар навъҳои ғамхорӣ, ки нигоҳубини муассисаҳоро иваз мекунанд,заруранд ва мақсад аз онҳо таъмини чунин муомилае бо кӯдак аст, ки ба некӯаҳволӣ ва мақоми ӯ, инчунин бахусусияти ҷинояти вай мувофиқат кунад.

*Моддаи 41.*

Агар

а) дар ягон қонуни давлати ширкаткунанда ё ки

б) дар меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, ки нисбат ба ин давлат амалмекунанд, нуктаҳое зикр шуда бошанд, ки барои амалӣ шуданӣ ҳуқуқи кӯдак бештар мусоидат менамоянд, ҳеҷ ҷузъи ин Созишнома хилофи он нуктаҳо буда наметавонад.

## РИОЯ ВА ЭЪТИБОРИ СОЗИШНОМА

## ҚИСМИ 2

*Моддаи 42.*

Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдададор мешаванд, ки чӣ калонсолон ва чӣ кӯдаконро аз принсипҳои Созишнома ҳамаҷониба огоҳ мекунанд ва бо ин мақсад аз воситаҳои зарурӣ ва таъирбахш истифода мебаранд.

*Моддаи 43.*

1. Бо мақсади баррасии пешрафте, ки давлатҳои ширкаткунанда дар вақти иҷрои ӯҳдадориҳои Созишнома ноил шудаанд, Кумитаи ҳуқуқи таъсис мешавад. Вазифаҳои ин Кумита поинтар зикр хоҳанд шуд.

2. Аъзои кумита аз 10 нафар коршинос иборатанд, ки дорои сифати баланди ахлоқӣ ҳастанд ва дар корбасти ин Созишнома ҳамчун шахсони босалоҳият шинохта шудаанд. Аъзои ин Кумитаро давлатҳои ширкаткунанда аз шаҳрвандони худ интихоб мекунанд ва ин аъзо ба сифати шахси алоҳида баромада мекунад. Дар интихоби аъзои Кумита ба тақсимоти одилонаи ҷуғрофӣ ва системаҳои асосии ҳуқуқӣ диққат дода мешавад.

3. Аъзои Кумита, аз ҷумла шахсоне, ки бо пешбарии давлатҳои ширкаткунанда ба рӯихат дохил шудаанд, бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешавванд. Ҳар давлати ширкаткунанда метавонад аз ҷумлаи шаҳрвандони худ як нафарро пешбарӣ намояд.

4. Интихоби нахустин на дертар аз шаш моҳи эътибор пайдо кардани ин Созишнома баргузор мегардад ва минъбад дар ду сол як бор сурат мегирад. Камаш чор моҳ пеш аз рӯзи ҳар як интихобот Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ба давлатҳои ширкаткунанда бо мактуб муроҷиат намуда, пешниҳод мекунад, ки дар зарфи ду моҳ номзадҳои худро ба Кумита пешниҳод намоянд. Сипас Дабири кулл аз рӯи алифбо рӯйхати шахсони пешниҳодшударо бо зикри номи давлатҳое, ки он шахсонро пешниҳод кардаанд, тартиб дода, рӯйхатро ба давлатҳоиширкаткунандаи ҳамин Созишнома ирсол мекунад.

5. Интихобот дар мушовари давлатҳои ширкаткунанда, ки аз тарафи Дабири кулл дар ташкилотҳои марказии Созмони Милали Муттаҳид даъват мегардад, баргузор мешавад. Дар ин машвара, ки ҳадди нисоб (кворум)-и онро аз се ду ҳиссаи давлатҳои ширкаткунанда ташкил мекунанд, он номзадҳо ба ҳайати Кумита интихоб мешаванд, ки овозҳои аксарияти мутлақи ҳозирон ва намояндагони давлатҳои ширкаткунандаро, ки дар овоздиҳӣ иштирок мекунанд, соҳиб мешаванд.

6. Аъзои Кумита ба муддати чор сол интихоб мегарданд. Агар номзадиашон такроран пешниҳод шавад, ҳуқуқи маротибаи дуюм интихоб шуданро доранд. Муддати ваколати панҷ нафар аъзое, ки дар интихоботи аввал комёб шуда буданд, баъд аз ду сол интиҳо меёбад: номи ин панҷ нафар дафъатан пас аз интихобот бо қуръа партоии Раиси мушавара муайяан мешавад.

7. Дар ҳолати даргузашт ё истеъфои ягон Кумита, ё бо ягон сабаб вазифаи узвияти Кумитаро иҷро карда натавонистани нафаре аз аъзои, он давлати

ширкаткунанда, ки ин узвро пешниҳод карда буд, коршиносеро аз шаҳрвандони худ бо ризоияти Кумита ба муддати боқимонда таъин мекунад.

8. Кумита ашхоси вазифадори идораи худро ба муддати ду сол интихоб мекунад.

9. Кумита қоидаҳои хоси корбарии худро муқаррар мекунад.

10. Иҷлосияҳои Кумита чун қоида дар Идораҳои марказии Созмони Милали Мутатаҳид ё дар ягон ҷои мувофиқ, ки Кумита муайян мекунад, баргузор мегарданд. Кумита аз рӯи қоида иҷлосияҳои худро ҳар сол мегузаронад. Муддати кори иҷлосияи Кумита аз рӯи қоида дар мушовариҳои давлатҳои ширкаткунандаи Созишнома муайян мегардад ва агар зарурат пеш ояд, бо салоҳдиди Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз нав муқаррар мешавад.

11. Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Кумитаро баҳри иҷрои самарабахши вазифаҳояш мувофиқи дастури Созишнома бо миқдори зарурии кормандон ва воситаҳои моддӣ таъмин мекунад.

12. Маоши аъзои Кумита, ки миқдору тартибашро Маҷмаи Умумӣ муқаррар менамояд, аз ҳисоби Созмони Милали Муттаҳид пардохта мешавад.

*Моддаи 44.*

Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд, ки ба Кумита тавассути Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид маърӯза пешниҳод намоянд ва аз чораҳое, ки барои мустаҳкам гардонидани ҳуқуқи эътирофкардаи ин Созишнома дидаанд ва аз пешрафтҳое, ки дар амалӣ гардидани ин ҳуқуқ ба даст омадаанд, ҳисобот медиҳанд. Маърӯза ба ин тарз пешниҳод мешавад:

а) давлати ширкаткунанда барои корҳои дусолааш, баъди пазируфтани Созишнома, маърӯза мефиристад;

б) баъдан пас аз ҳар панҷ сол;

2. Дар маърӯза омилҳо ва душвориҳои мавҷуда, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои Созишнома таъсир мерасонанд, бояд дорои ахбори мукамале бошанд, ки Кумита аз амалӣ гаштани моддаҳои Созишнома дар ҳар кишвар огоҳӣ ёбад.

3. Ба давлати ширкаткунанда, ки ба Кумита маърӯзаи мукаммали аввалинашро равона мекунад, дар маърӯзаҳои баъдӣ, ки мувофиқи банди 1«б»-и ин модда ирсол мешаванд, такрори ахбори пешниҳодшуда зарурат надорад.

4. Кумита метавонад аз давлатҳои ширкаткунанда оид ба амалӣ гаштани созишнома ахбори иловагӣ дархост кунад.

5. Оид ба фаъолияти Кумита дар ду сол як бор тавассути Шӯрои иқтисодиву иҷтимоӣ ба Маҷмаи Умумӣ маърӯза пешпиҳод мешавад.

6. Давлатҳои ширкаткунанда ба иттилои умум расонидани маърӯзаашонро дар кишварҳои худ таъмин мекунанд.

*Моддаи 45.*

Бо мақсади мусоидат ба амали амарабахши Созишнома ва ташвиқи ҳамкории байналхалқӣ дар соҳае, ки онро Созишнома фаро гирифтааст:

а) муассисаҳои махсус, Бунёди кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва дастгоҳҳои дигари Созмони Милали Муттаҳид ҳақ доранд, ҳангоми баррасии масъалаҳо оид ба амалӣ гаштани нишондодҳои Созишнома, ки дар салоҳияти онҳост, намоянда дошта бошанд.
Кумита, агар зарур донад, метавонад ба идораҳои тахассусӣ, ба Бунёди кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва дигар дастгоҳҳои салоҳиятнок пешниҳод намояд, то хулосаи коршиносонро оид ба амалӣ гаштани Созишнома дар соҳаҳое, ки ба доираи салоҳияти онҳо дохил мешаванд, риоя кунанд;

б) Кумита ҳар гаҳ зарур донад, ба муассисаҳои махсус, ба Бунёди кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва дигар дастгоҳҳои босалоҳати ҳама гуна маърӯзаҳои давлатҳои ширкаткунандаро мефиристад, ки дар онҳо хоҳиши гирифтани маслиҳат ё кӯмаки техникӣ ё зарурати чунин маслиҳату кӯмак изҳор шудааст ва ҳамчунин фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои Кумита дар бораи он хоҳишу дархостҳо баён гардидааст;

в) Кумита метавонад ба Маҷмаи Умумӣ тавсия бидиҳад, то ба Дабири Кулл пешниҳод кунад, ки аз номи Маҷмаи Умумӣ оид ба масъалаҳои ҷудогонаи ҳуқуқи кӯдак тадқиқот гузоранд;

г) Кумита метавонад дар асоси иттилооте,ки тибқи моддаҳои 44 ва 45-и ин Созишнома ба даст омадааст, пеш- ниҳоду тавсияҳои умумӣ ба миён гузорад. Чунин пешниҳоду тавсияҳои умумӣ ба ҳар давлати ширкаткунандаи ҳавасманд фиристода шуда, ҳамзамон бо қайду мулоҳизаҳои давлатҳои ширкаткунанда (агар чунин қайдҳо бошанд) ба Маҷмаи Умумӣ ирсол мешаванд.

## ҚИСМИ 3

*Моддаи 46.*

Ин Созишнома барои пазириш ва имзои ҳамаи давлатҳо кушода аст.

*Моддаи 47.*

Ин Созишнома зарууртар ба тасдиқ дорад. Тасдиқномаҳо ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид барои нигаҳдорӣ супурда мешаванд.

*Моддаи 48.*

Ин Созишнома барои пайвастани ҳар давлате кушода кушода аст. Ҳуҷҷатҳои пайвастагӣ ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид барои нигаҳдорӣ супурда мешаванд.

*Моддаи 49.*

1. Ин Созишнома дар рӯзи сиюми ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид супурда шудани тасдиқнома
ё санади пайвастагии бистумин давлат эътибор пайдо мекунад.
2. Барои ҳар давлате, ки ин созишномаро тасдиқ кардааст ё баъди барои нигаҳдорӣ супурда шудани бистумин тасдиқнома ё санади пайвастагӣ ба он ҳароҳ шудааст, Созишнома дар рӯзи сиюми (баъди бисту нӯҳ рӯзи) супурда шудани тасдиқномаи ин давлат ё ҳуҷҷати пайвастагии он, эътибор пайдо мекунад.

*Моддаи 50.*

1. Ҳар давлати ширкаткунанда метавонад ислохе пешниҳод кунад ва онро ба Дабири кулли Созмони Мила ли Муттаҳид супорад. Дабири кулл ин ислоҳро ба давлатҳои ширкаткунанда мефиристад ва назархоҳӣ мекунад, ки оё онҳо баҳри таҳқиқ ва ба овоз гузоштани ин пешниҳодҳо конференсия даъват карданро зарур медонад ё не. Агар дар давоми чор моҳи пас аз фиристода шудани хабар лоақал сеяки давлатҳои ширкаткунанда хоҳиши даъвати чунин конференсияро изҳор кунанд, Дабири кулл ин конференсияро таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид даъват менамояд. Ҳар ислоҳе, ки аксари давлатҳои ширкаткунанда конференсия бо овоздиҳӣ қабул мекунанд, барои тасдиқ ба Маҷмаи Умумӣ пешниҳод мешавад.

2. Ислоҳе, ки мувофиқи банди 1-уми модда қабул шудааст, пас аз тасдиқи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ва қабули аз се ду ҳиссаи давлатҳои ширкаткунанда эътибор пайдо мекунад.

3. Вақте, ки ислоҳ эътибор пайдо меукнад, барои давлатҳои ширкаткунанда, ки онро пазируфтаанд, воҷиб хоҳад буд, аммо барои дигар давлатҳои ширкаткунанда, нуктаҳои ин Созишнома ва ҳар як ислоҳи дигари пештара, ки худи онҳо пазируфтаанд, ҳатмӣ мемонад.

*Моддаи 51.*

1. Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид матни қайду шартеро, ки давлатҳо ҳангоми тасдиқи Созишнома ё пайвастан ба он зарур донистаанд, қабул мекунад ва ба ҳамаи давлатҳо мефиристад.

2. Қайду шарте, ки ба вазифаву мақсадҳои ин Созишнома созгор нестанд, қобили қабул нахоҳанд буд.

3. Ҳар қайду шартеро ҳар гоҳ метавон аз эътибор соқит кард. Лозим аст, ки огоҳиномае дар боари аз эътибор соқит кардани қайду шарт ба унвони Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид фи-ристода шавад. Дабири кулл аз ин ба ҳамаи давлатҳои ширкаткунанда идтилоъ медиҳад. Огоҳинома аз рӯзи расиданаш ба дасти Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид эътибор пайдо мекунад.

*Моддаи 52.*

Ҳар давлати ширкаткунанда метавонад ба унвони Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид огоҳиномаи хаттӣ бифиристад ва ин Созишномарофасх бикунад (аз эътибор соқит намояд). Фасхи Созшномаи баъди як соли расидани огоҳинома ба дасти Дабири кулл, эътибор пайдо мекунад.

*Моддаи 53.*

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид амонатдори ин Созишнома хоҳад буд.

*Моддаи 54.*

Асли ин Созишнома, ки матни англисӣ, арабӣ испанӣ, хитоӣ, рисӣ ва фаронсавии он баробар ба асл аст, барои нигаҳдорӣ ба Дабири кулли Соз мони Милали Муттаҳид супурда мешавад.

Дар тасдиқи ин матлаб имзокунандагони зер-намояндагони ваколатдор, ки аз ҳукуматҳои худ ба наҳви шоиста ваколат гирифтаанд, ин Созишномаро имзо намуданд.

## *МАЗМУНИ МУХТАСАР ВА ҒАЙРИРАСМИИ БАХШҲОИ АСОСӢ*

### *Муқаддима*

*Дар муққадима принсипҳои асосии Созмони Ми лали Муттаҳид ва бахшҳои мушаххаси баъзе қарордодҳо ва эъломияҳо оид ба ҳуқуқи инсон хотиррасон шудааст.*

*Дар муқаддима собит гардидааст, ки кӯдакон табиатан нозуканд, ба ғамхорӣ ва ҳимояи вижа ниёз доранд. Махсусан таъкид шудааст, ки ғамхориву масъулияти асосӣ дар ҳимояи кӯдакон аз тарафи оила сурат мегирад. Ин ҷо инчунин зарурати ҳимояи ҳуқуқӣ ва дигар навъҳои ҳимояи то таваллуд ва баъди таваллуд, аҳамияти эҳтиро ми арзишҳои фарҳангии халқе, ки кӯдак ба он мута аллиқ аст ва нақши ҳаётан муҳими ҳамкории байналхалқӣ дар ҳимояи ҳуқуқи кӯдак со бит шудааст.*

### *Таърифи кӯдак*

*Шахсе кӯдак ба шумор меравад,ки синнаш ба 18 нарасида бошад, ба истисноии мавридҳое, ки мувофиқи қонуни миллӣ балоғат аз синни хурдтар пешбинӣ шудааст.*

### Пешгирии табъиз(дискриминатсия)

Кулли ҳуқуқ ба ҳамаи кӯдакон бидуни истисно. Давлат вазидор аст, ки кӯдакро аз ҳама шаклҳои табъиз ҳимоя кунад ва барои ҳимояи ҳуқуқи ӯ чора ҳои зарурӣ андешад.

### Беҳтарин тарзи таъмини ҳуқуқи кӯдак

Ҳамаи иқдомоте, ки ба кӯдак ирти бот доранд, дар ҳаҷми пурра манфиати ӯро ба ҳисоб гиранд. Агар волидон ё ашхоси дигар, ки масъулияти ғамхорӣ дар ҳаққи кӯдак ба дӯши онҳост, ин вазифаро иҷро накунанд, давлат бояд ғамхории муносиберо нисбат ба кӯдак таъмин намояд.

### Амалӣ намудани ҳуқуқ
Давлат барои амалӣ намудани ҳуқуқе, ки дар ин Созишнома сабт шудааст, бояд ҳама кори имконпазирро ба анҷом расонад.

### Тарбия дар оила ва рушди қобилияти кӯдак

Давлат бояд ҳуқуқу Масъулияти волидон ва оилаи бузургро дар тарбияи кӯдак мувофиқи рушди қобилияти ӯ эҳтиром намояд.

Зинда мондан ва рушди

Ҳар кӯдак ҳуқуқи бечунучаро барои ҳҳаёт дорад ва давлат вазифадор аст, зинда мондан ва рушди кӯдакро таъмин намояд.

Ном ва шаҳрвандӣ

Кӯдак аз рӯзи таваллуд ҳуқуқ ба ном дорад.Ӯ аз ҳуқуқуи шаҳрвандӣ баҳрманд буда, тоҷое, ки имконпазир аст, ба донистани шахсияти волидонаш, ҳамчунин ба ғамхории онҳо ҳуқуқ дорад.

Ҳифзи фардият

Давлат вазифадор аст ҷиҳати асосии фардияти кӯдакро ҳимоя кунад ва дар мавриди зарурӣ онҳоро барқарор намояд. Ном, шаҳрвандӣ ва равобити оилавӣ аз ин ҷумлаанд.

Ҷудоӣ аз волидон

Ба истисноии он маридҳое, ки мухолифи беҳтарин манфиатҳои кӯдак бошанд, кӯдак ҳуқуқ дорад бо волидони худ зиндагӣ кунад. Агар дорад кӯдак аз волидон ё яки онҳо ҷудо бошад, бо ҳардуи онҳо ҳаққи робита

Пайвасти дубораи оила

Кӯдак ва волидони онҳо ҳақ доранд бо мақсади пайвасти муносибатҳои шахсии байни кӯдак ва волидон кишвареро тарк кунанд ва ба кишвари худ ворид шаванд.

Тағйири ғайриқонуни маҳалли зист ва бознагаштан

Давлат вазифадор аст, тарафи волидоне ё нафари сеюм дуздидани кӯдак, инчунин дар хориҷ нигоҳ доштани ӯро пешгирӣ кунад ва дар ин маридҳо барои рух надодани ин амалҳо чораҳои зарурӣ андешад.

Ақидаи кӯдак

Кӯдак ҳақ дорад ақидаи худро озодона баён намояд ва ҳангоми ҳалли масъалҳое, ки ба ӯдахл доранд, ақидаи вай бояд ба инобат гирифта шавад.

Озодии баёни фикр

Кӯдак ҳақ дорад фикру ақидаи худро ифода намояд, иттилоъ гирад ва сарфи назар аз марзҳо иттилоъ ва андешаҳояшро расонад.

Озодии афкор, виҷдон ва дин

Давлат бояд озодии афкор, виҷдон ва дини кӯдакро бо назардошти роҳбарии муносиби волидон эҳтирмо намояд.

Озодии иттиҳодия
Кӯдак ҳақ дорад бо ашхоси дигар вохӯрад, узви иттиҳодияҳо шавад ё иттиҳодияҳо ташкил диҳад.

Ҳимояи ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ

Кӯдакон ҳақ доранд аз дахолат ба ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, хонагӣ, мукотибот, инчунин аз тӯҳмату бӯҳтон ҳимоя шаванд.

Дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ
Давлат вазифадор аст иттилоотро барои кӯдакон аз сарчашмаҳои гуногун таъмин созад ва аз тарафи васоити ахбори умум паҳн шудани маводеро, ки ба рушди иҷтимоию дат мекунад, дастгирӣ намояд ва барои ҳимояи кӯдакон аз ахбори зарарнок чораҳо андешад.

Масъулияти волидон
Масъулияти волидон дар тарбияи кӯдакон волидон бар дӯш дорад. Давлат бояд онҳоро дар ин бодат дастгирӣ кунад ва ёрии зарурӣ расонад.

Ҳимоя аз суиистифода муносибати беэътиёна
Давлат бояд кӯдакро аз ҳама муомилаи бади падару ҳимоя кунад ва модар ё шахсони дигаре, ки барои ғамхории маъсуланд, барномаҳои иҷти- моии мувофиқ қабул намояд, то ки суиистифода пешгирӣ шавад ва муолиҷаи осебдидагон таъмин гардад.

Ҳимояи кӯдаки маҳрум аз оила
Давлат вазифадор аст, ҳимояи иҷтимоии кӯдакеро, ки аз муҳити оилавӣ маҳрум шудааст, таъмин намояд, чизе дар ивази ғамхории омода созад, дар оилавӣ муассисаи нигоҳубини кӯдакони бепуштупаноҳ ҷой гир намояд. Ҳар кӯшише дар роҳи иҷрои ин уҳдадорӣ бояд мансубияти фарҳангии кӯдакро дар назар дошта бошад.

Ба фарзандӣ гирифтан
Дар кишварҳое, ки ба фарзандӣ гирифтан расм аст ё ба он иҷозат дода шудааст, барои беҳтарин мафиатҳои кӯдак ва бо иҷозати мақомоти босалоҳият, инчунин бо таъмини кафолат барои кӯдак, ба фарзандӣ гирифтан ҷоиз аст.

Кӯдакони гуреза
Барои кӯдакони гуреза ё кӯдаконе, ки баҳри ба даст овардони мақоми гурезагӣ мекушанд, бояд ҳимояи махсус таъмин шавад. Давлат вазифадор аст бо созмонҳои салоҳиятдоре, чунин ҳимоява кӯмакро таъмин мекунанд, ҳамнамояд.

Кӯдакони маъюб
Кӯдакони маъюб ба нигоҳубин, сил ва тайёрии махсус ҳуқуқ доранд, ки барояшон зиндагии пурарзишу шоистаро муҳайё гардонад, то тавонанд ҳар чӣ бештар мустақилона зиндагӣ кунад ва ҳамчунон пайванди ҷомеа бошад.

Саломати ва ҳифзи саломатӣ
Кӯдак ба ёрии тиббии дараҷаи олӣ, ки бояд ама лан таъмин гар дад, ҳуқуқ дорад.
Давлатҳо бояд ба расонидани ёрии аввалини тиббию беҳдоштӣ, пешгирии бемориҳо, тағиби беҳдоштӣ ва кам шудани фавти кӯдакон кӯдакон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд.

Онҳо бояд ҳакории байналхалқиро дар ин соҳа дастгирӣ кунад, чора андешанд, ки ягон кӯдак аз хидмати самараноки соҳаи тандурустӣ беъхабар намонад.

Санҷиши мунтазами парасторӣ
Кӯдаке, ки давлатӯро бо мақсади нигоҳубин, ҳимоя ва ё табобат ба парасторӣ додааст, ҳаққи санҷиши мунтазами вазъи ин парастиро дорад.

Таъминоти иҷтимоӣ
Кӯдак ҳақ дорад, аз неъмати таъмибарад.ноти иҷтимоӣ, аз ҷумла бимаи иҷтимоӣ, истифода

Сатҳи зиндагӣ
Ҳар як кӯдак барои таъмини чунин сатҳи зиндагӣ, ки барои рушдиҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ӯ зарур аст, ҳақ дорад. Масъулияти асосӣ барои таъмини сатҳи зарури зиндагии кӯдак бар дӯши волидон аст. Вазифаи давлат аз он иборат аст, ки барои татбиқи ин масъулият шароити мувофиқ муҳайё созад.
Мумкин аст, ёрии моддӣ ба волидон ва фарзандон азҷумлаи ӯҳдадориҳои ҳои давлат бошад.

Таҳсилот Кӯдак ба таҳсилот ҳатмии ибтидоӣ,ҳуқуқ дорад. Вазифаи давлат аз таъмини таҳссили ройгон ва ташвиқи таҳсилоти миёна, ки дастраси ҳар кӯдак бошад, таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ дар асоси қобилият, иборат аст. Интизоми мактабӣ бояд бо назардошти ҳуқуқ ва эҳтироми мақому манзалати кӯдак таъмин гардад. Давлат бояд бо мақсади татбиқи ин ҳуқуқ ҳамкориҳои байналхалқиро ба роя монад.

Мақсадҳои таҳсилот
Таҳсилот бояд барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият, истеъдод, қобилияти ақлонӣ ва ҷисмонии кӯдак мусоидат кунад. Таҳсилот бояд кӯдакро барои ҳаёти фаъолона дар ҷомеаи озод омода созад, ба ҷо овардани ҳурмати волидон, эҳтироми

маданияти хоса, забон ва анъанаҳои фарҳангӣ ва арзишҳои дигарро дар кӯдак тарбия намояд.

## Кӯдаконе, ки ба ақалият ва аҳолии таҳҷоӣ мансубанд

Кӯдаконе, ки ба ақалият ва аҳолии таҳҷоӣ мансубанд, ба истифодаи маданият ва забони модарии худ, барои пайравӣ ба дини худ ҳуқуқ доранд.

## Истироҳат, фароғат ва ҳаёти фарҳангӣ

Кӯдаке ба истироҳат, фароғат ва ширкат дар ҳаёти фарҳангиву эҷодӣ ҳақ дорад.

## Меҳнати кӯдакон

Агар ба кӯдак коре супурда шавад, ки аз иҷрои он барои саломатӣ, таҳсил ва ё рушди эҳтимоли хатар ҳаст, кӯдак ба ҳимоя ҳақ дорад. Давлат бояд ҳадди ақали синни кориро таъин кунад ва меъёри заруририро оид ба шароити кор муайян намояд.

## Истеъмоли ғайриқонунии маводи нашъаовар

Кӯдакон барои ҳимоя аз истеъмоли ғайриқонунии маводи нашъаовар ва моддаҳои равон шикан(психотропӣ), инчунин барои ҳимоя аз ҷалб шудан ба истеҳсол ва фуруши ин гуна моддаҳо ҳақ доранд.

## Истисмори шаҳвонӣ

Давлат вазифадор аст, кӯдакро аз истисмори шаҳвонӣ, аз бурдан ба роҳи бадахлоқӣ, ки фоҳишагӣ ва истифодаи тасвирҳои беҳаёна низ аз ин ҷумлаанд, муҳофизат кунад.

## Тиҷорат, қочоқ ва дуздӣ

Вазифаи давлат аз он иборат аст, ки тамоми кӯшиши худро барои пешгирии кӯдак-дуздӣ, кӯдакфурӯшӣ ва қочоқи кӯдак ба кор барад.

## Шаклҳои дигари истисмор

Кӯдакон барои аз ҳама навъҳои истисмор, ки ба паҳлӯҳои гуногуни беҳрӯзии онҳо таъсир мерасонад Ва онҳоро моддаҳои 32, 33, 34 ва 35 дар бар нагирифтаанд, ҳуқуқ доранд.

## Нигоҳубини барқароркунанда

Давлат ӯҳдадор аст, ки кӯдакониҷабрдидаи даргириҳои мусаллаҳонаҷ а б р и д а г о н и азобу шиканҷа, беэътиноӣ, муносибати бад ё истисморро бо мақсади барқарор кардани салоатӣ ва истиқрори муҷаддад (реинтегратсия)-и иҷтимоии онҳо бо табобати зарурӣ таъмин кунад.

## Адолати додгоҳӣ нисбат ба қонун- шикани ноболиғ

Кӯдаки ба конуншиканӣ роҳдода ба чунин муносибате ҳуқуқ дорад, ки ба инкишофи эҳсоси қадру қимати вай мусоидат кунад ва бораи ҳимоя ба истиқрори

муҷаддад(реинтегратсия) иҷтимоиро таъмин созад. Кӯдаке дар кафолатҳои асосӣ, ба кӯмаки ҳуқуқӣ ва навъҳои дигари кӯмак ҳақ дорад.
То ҳадди имкон аз боздошти кӯдак ва мурофиаи додгоҳ бояд худдорӣ кард.

Истифодаи меъёрҳои олӣ
Агар меъёрҳои вобаста ба ҳуқуқи кӯдак дар қонун- ҳои милли ва байналхалқӣ нисбат ба меъёрҳое, ки дар ин Созишнома мегиранд.муқаррар шудаанд, меъёрҳои олитар мавриди истифода қарор

Мазмуни асосии моддаҳои 42-45 ин аст:

Мазмуни асосии
1. Давлат вазифадор аст, ки калонсолон ва кӯдаконро бо ҳуқуқе, ки дар ин Созишнома сабт гардидаанд, ба таври васеъ шинос кунад.
2. Барои барраси маърӯзаи давлатҳои ширкаткунандаи ин Созишнома, ки баъди ду соли тасдиқи Созишнома ва сипас дар ҳар 5 сол пешниҳод мекунанд, дар ҳайати даҳ нафар коршинос, кумиттаи ҳуқуқи кӯдак таъсис мешавад.

Таъсиси ин Кумита пас аз он, ки 20 давлат Созишномаро тасдиқ кард ва Созишнома эътибор пайдо намуда, сурат хоҳад гирифт.
3. Давлатҳои ширкаткунанда бояд аҳли ҷамъитро бо маърӯзаҳои худ васеъ шинос кунад.

4. Кумита доир ба масъалаҳои мушаххаси вобаста ба ҳуқуқи кӯдак метавонад анҷом додани таҳқиқоти махсусеро пешниҳод кунад ва аз натиҷаи он давлатҳои манфиатдори ширкаткунанда ва Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳидро воқиф созад.

5. Муассисаҳои тахассусии Созмони Милали Муттаҳид, аз қабили Созмони байналхалқии кор(СКБ),Созмони байналхалқии ҳифзи сиҳат,Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои мао риф, илм ва фархҳанг (Ю Н Е С К О) ва Бенёди кӯдакони СММ(ЮНИСЕФ) имкон доранд, ки бо мақсади мусоидат ба амали самарабахши ин Созишнома ва дастгирии ҳамкории байналхалқӣ, дар маҷлисҳои Кумита иштирок намоянд.

Ин дастгоҳҳои махсуси Созмони Милали Муттаҳид якҷоя бо дигар мақомоте, ки салоҳиятнок дониста шудаанд, аз ҷумла бо созмонҳои ғайридавлатӣ(СҒ), ки дар назди Созмони Милали Муттаҳид мақоми машваратӣ доранд ва бо идораҳое чун Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо иттилооти марбутароба Кумита пешниҳод мекунанд ваоид ба ҳусни амали ин Созишнома дархостҳо қабул менамояд Маоши аъзои Кумита, ки миқдору т а р т и б а ш р о Маҷмаи Умумӣ муқаррар мекуннад, аз ҳисоби Созмони Милали Муттаҳид пардохта мешавад.